«Тасдиқ мекунам»
Ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», д.и.и., профессор Қурбонзода М.Р.
_______________
аз «__» ________ 20__с.

## ХУЛОСАИ
## Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»

Диссертатсияи Барнои Файзи Тағоймуродзода дар мавзуи «Таъминоти методии ташкили контроллинг дар бонкҳои тиҷоратӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дар кафедраи баҳисобгирии муҳосибии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Барнои Файзи Тағоймуродзода унвонҷӯи кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ба шумор мерафт.

Барнои Файзи Тағоймуродзода соли 2007 ба факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси иқтисод ва идоракунии корхонаҳо дохил шуда, онро соли 2012 бо дипломи аъло хатм намудааст. Пас аз хатми донишгоҳ дар филиали ҶСК «Агроинвестбонк» дар шаҳри Бохтар ба кор даромада, аз соли 2012 то соли 2020 дар ин муассиса дар вазифаҳои коромӯзи шуъбаи бонкдории корпоративӣ, эксперти қарзии СПО–и сектори бизнеси миёна, хурд ва хурдтарини шуъбаи корпоративӣ ва муҳосиби дараҷаи дуюми шуъбаи муҳосибӣ–амалиётӣ фаъолият намудааст. Аз 1–уми сентябри соли 2021 фаъолияти кориашро дар Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба ҳайси ассистенти кафедраи назарияи иқтисод ва аз 1–уми сентябри соли 2023 то инҷониб дар кафедраи фаъолияти бонкии донишгоҳи зикргардида идома дода истодааст.

Барнои Файзи Тағоймуродзода бо фармоиши ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 21.12.2021 таҳти №445 унвонҷӯи кафедраи баҳисобгирии муҳосибии донишгоҳи зикршуда қабул гардида, корҳои таҳқиқотии худро пеш мебарад.

Мавзуи рисолаи номзадӣ ва роҳбари илмии Барнои Файзи Тағоймуродзода дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав таҳти №4 аз 30.11.2021 дар мавзуи «Асосҳои назорат ва баҳисобгирии идоракунӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ» таҳти роҳбарии доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт тасдиқ карда шуда, дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусав аз 20.11.2024 суратмаҷлиси №4 номи мавзуи диссертатсионӣ бо мақсади мувофиқсозӣ ба мухтавои таҳқиқоти илмӣ унвони пешина иваз карда шуда, ба номи нав, яъне **«Таъминоти методии ташкили контроллинг дар бонкҳои тиҷоратӣ»** тасдиқ гардид.

Имтиҳонҳои унвонҷӯиро Барнои Файзи Тағоймуродзода аз фанҳои фалсафа (Гувоҳномаи №22-34 аз санаи 5.10.2022с бо баҳои аъло), забони хориҷӣ-забони англисӣ (Гувоҳномаи №23-31 аз санаи 20.02.2023с бо баҳои аъло) дар назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва имтиҳон аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудитро дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Суратҷаласаи №9 аз санаи 20.06.2025с, бо баҳои аъло) супоридааст.

Диссертатсияи Барнои Файзи Тағоймуродзода дар маҷлиси васеи кафедраи баҳисобгирии муҳосибии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 28 ноябри соли 2025 бо суратҷаласаи №4 муҳокима гардид. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи «Таъминоти методии ташкили контроллинг дар бонкҳои тиҷоратӣ» чунин хулоса қабул карда шуд:

**1. Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Мавзуи кори диссертатсионӣ ба бандҳои зерини шиносномаи феҳристи ихтисосҳои

КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит мувофиқат мекунад: 1.18 – Методологияи ташаккули нишондиҳандаҳои баҳисобгирӣ, ки дар сатҳи микро – ва макроиқтисод маҷмуи иҷтимоӣ иқтисодиро тавсиф мекунанд; 1.25 – Назария ва методолияи назорат; 1.27 – Асосҳои методологӣ ва вазифагузориҳои мақсадноки назорати идоракунӣ; 2.12 – Назария ва методологияи контроллинг; 2.17 – Методологияи истифодаи технологияҳои замонавии иттилоотӣ ва иртибототӣ дар соҳаи таҳлили иқтисодӣ.

**2. Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Диссертатсия бо Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2016 таҳти №392) «Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026», «Стратегияи сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 15 ноябри соли 2012, № 1), Консепсияҳои иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 30 декабри соли 2019, №642) робита дорад. Ҳамзамон кори таҳқиқотии иҷрогардида бо нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав робита дорад.

**3. Интишорот аз руйи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯйи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ 12 мақолаи илмӣ, ки 6 ҷузъи чопиро ташкил медиҳанд, нашр гардидааст. Аз ин маҷмуъ панҷ мақола дар маҷалаҳои илмии тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардида, ҳафт мақола дар конференсияҳои илмӣ - амалии сатҳи байналмиллалӣ ва ҷумҳуриявӣ дар байни профессорону омӯзгорон, коргарони илмӣ баррасӣ гардидааст.

Теъдоди интишороти натиҷаҳои илмӣ ба талаботи бани 35-и тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 №295) ҷавобгу буда, мазмуни ҳамаи интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он мутобиқат менамояд.

**4.Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Муқарраroти назариявӣ, методӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба ҶСК «Коммерсбонки Тоҷикистон» ва ҶСК «Бонки Эсхата» барои истифода пешниҳод гардида, дар сатҳи корбарӣ қарор дорад. Ҳамчунин ҳангоми тадрис дар раванди таълими Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз фанҳои «Назорати бонкӣ ва аудит», «Идоракунии хатари бонкӣ» ва «Баҳисобгирии муҳосибӣ дар бонкҳо» татбиқ мешавад, ки бо санадҳои дахлдор тасдиқ мегарданд.

**5. Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Ҳамаи давраҳои иҷроиши нақшаи кори илмӣ, таҳияи мавзуъ, асоснокkунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳо аз ҷониби муаллиф ба анҷом расонида шудааст. Дар ҷараёни таҳқиқот муаллиф таҳлили амиқи назариявӣ ва амалии низоми контроллингро дар бонкҳои тиҷоратӣ гузаронидааст.

Бо истифода аз усулҳои таҳлили молиявӣ, муқоисавӣ ва моделсозии идоракунӣ, довталаб усулҳои оптималии ташкил ва татбиқи системаи контроллингро пешниҳод намуда, тавсияҳои амалӣ ва методологиро дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот таҳия кардааст.

**Баҳодиҳии иҷрои диссертатсия.** Диссертатсияи Барнои Файзи Тағоймуродзода дар мавзуи «Таъминоти методии ташкили контроллинг дар бонкҳои тиҷоратӣ» ба масъалаҳои мубрами муосири илми иқтисодӣ – такмил додани низоми идоракунии бонкҳои тиҷоратӣ тавассути такмили методҳои контроллинг бахшида шудааст, ҳамзамон бо забони илмӣ навишта шуда, таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб меравад. Мақсад ва вазифаҳои диссертатсия иҷро гардида, пешниҳод ва хулосаҳо асоснок гардидаанд.

Диссертатсияи Барнои Файзи Тағоймуродзода дар мавзуи «Таъминоти методии ташкили контроллинг дар бонкҳои тиҷоратӣ» ба ихтисоси интихобшуда пурра мувофиқат мекунад.

Мавзуи диссератсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 - Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, 10 параграф, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5-тояшон дар маҷаллаҳои илмии дар феҳрести Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда, интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 6 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқот аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

**А) Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

**1.** Б. Ф. Тағоймуродзода Назорат ҳамчун воситаи баландбардории самаранокии идоракунии бонкҳои тиҷоратӣ [Матн]/ Б. Ф. Тағоймуродзода//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ 2022. №9., С. 107-115.

**2.** Б. Ф. Тағоймуродзода Муқаррарсозии ҳадафҳо ва назорат дар сохтори идоракунии бонкҳои тиҷоратӣ. [Матн]/ Б. Ф. Тағоймуродзода// Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (маҷаллаи илмӣ). Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ 1/3 (101), Бохтар -2022, саҳ. 278-286.

**3.** Б. Ф. Тағоймуродзода Доираи вазифаҳо, салоҳияти назорат ва баҳисобгирии идоракунӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ. [Матн]/ Б. Ф. Тағоймуродзода// Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (маҷаллаи илмӣ). Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ 1/3 (113), Бохтар -2023 саҳ. 351-358.

**4.** Б. Ф. Тағоймуродзода Идоракунии хавфҳои бонкӣ тавассути воситаҳои назорат [Матн]/ Хушвахтзода Қ.Х., Б. Ф. Тағоймуродзода//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ 2024. №9., саҳ. 5-12.

**5.** Б. Ф. Тағоймуродзода Системаи баҳисобгирии идоракунӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ. [Матн]/ Б. Ф. Тағоймуродзода// Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (маҷаллаи илмӣ). Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ 1/2 (122), Бохтар -2024 саҳ. 466-474.

**Б) Мақолаҳое, ки дар дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд:**

**1.** Б. Ф. Тағоймуродзода Моҳият ва аҳамияти системаи назорат (контроллинг) дар рушди фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ. [Матн]/ Б. Ф. Тағоймуродзода// Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи «Муаммоҳои низоми андозбандӣ дар шароити муосир» Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон Душанбе, 2022с.,- С 92-98.

**2.** Б. Ф. Тағоймуродзода Контроллинг – ҳамчун омили рушди соҳибкории молиявӣ дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон.. [Матн]/ Б. Ф. Тағоймуродзода// Маводи конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «самтҳои стратегии рушди соҳибкории инноватсионӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» Душанбе, 2022,- С 421-424.

**3.** Б. Ф. Тағоймуродзода Контроллинг – омили рушди фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити муосир. [Матн]/ Б. Ф. Тағоймуродзода// Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи «Механизмҳои таъмини устувории молиявии ташкилотҳои қарзӣ дар шароити саноатикунонӣ ва иқтисодиёти инноватсионӣ» Душанбе, 2023,- С 395-400.

**4.** Б. Ф. Тағоймуродзода Такмили менеҷменти ташкилотҳои ватанӣ дар шароити муосири рушди саноат. [Матн]/ Б. Ф. Тағоймуродзода// Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Саноатикунонии босуръат ва масоили амалигардонии он дар Тоҷикистон», Душанбе, 2023,- С 313-317.

**5.** Б. Ф. Тағоймуродзода Асосҳои назорат ва баҳисобгирии идоракунӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ. [Матн]/ Б. Ф. Тағоймуродзода// Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои мубрами низоми молиявӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ» 03.05.2023с., Хуҷанд, 2023,- С 124-130.

**6.** Б. Ф. Тағоймуродзода Хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ - тамоюли асосии бозори бонкии Тоҷикистон. [Матн]/ Б. Ф. Тағоймуродзода// Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Рушди низоми бонкӣ ва рақамикунонии бахши молиявӣ» Кӯлоб, 2023,- С 97-101.

**7.** Б. Ф. Тағоймуродзода Мукаммалгардонии методҳои назорат (контроллинг) –и бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити рушди рақамикунонӣ ва инноватсия[Матн]/ Б. Ф. Тағоймуродзода// Маводи Конференсияи байналмиллалии илмию амалӣ дар мавзӯи «Роҳнамои стратегии рушди иқтисоди миллӣ: навовариҳо, савдо ва рақамикунонӣ» Душанбе 30.09.2025 - 1.10.2025с. МД «Пажуҳишгоҳи илмию таҳқиқотии иқтисодии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон».

Баъди шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Барнои Файзи Тағоймуродзода дар мавзуи «Таъминоти методии ташкили контроллинг дар бонкҳои тиҷоратӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит, дар ҷаласаи васеи кафедраи баҳисобгирии муҳосибии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии кушода ва хулосаи пешниҳодгардида, чунин

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Барнои Файзи Тағоймуродзода дар мавзуи «Таъминоти методии ташкили контроллинг дар бонкҳои тиҷоратӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08. – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит, кори илмии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Барнои Файзи Тағоймуродзода дар мавзуи «Таъминоти методии ташкили контроллинг дар бонкҳои тиҷоратӣ» барои

дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08. – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-100 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Дар ҷаласа иштирок доштанд 19 нафар, аз онҳо бо ҳуқуқи овоздиҳӣ 19 нафар.

Натиҷаҳои овоздиҳии кушода чунин аст:

-"тарафдор" – 19 нафар

- "зид" – нест

- бетараф" - нест

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи васеи кафедраи баҳисобгирии муҳосибии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 28 ноябри соли 2025, суратмаҷлиси №4 қабул гардидааст.

Раиси ҷаласа:
н.и.и., мудири кафедраи
баҳисобгирии муҳосибӣ — Мирзозода М.Ш.

Котиби ҷаласа:
н.и.и., омӯзгори кафедраи
баҳисобгирии муҳосибӣ — Фозилова М.И.

Имзоҳои Мирзозода М.Ш. ва Фозилова М.И. - ро тасдиқ мекунам.

Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДБ ба
номи Носири Хусрав — Нажмидинов М.М.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ "ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БОХТАР БА НОМИ НОСИРИ ХУСРАВ" * ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

аз «03» 12 2025 с.